**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар мавзуи **«Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Таҳқиқи мавзуи **«Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону пахлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)»,** ки Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар қолаби диссертатсияи докторӣ анҷом додаанд, воқеан аз кори илмии нав ва шоистаи таҳсин аст. Таҳқиқи мавзуи мазкур тақозо намудааст, ки муаллиф сарчашмаҳои маътамади илмиву адабӣ ва таърихиву осори зиёдро ба риштаи пажӯҳиш бигирад, то масъалагузорӣ, таҳлилҳо ва натиҷагириҳо дар пояи мустаҳками илмӣ қарор бигирад.

Юлдашев А. Қ. ҳамчун сарчашмаи таҳқиқи диссертатсионӣ аз кутуби муътамад, аз ҷумла «Таъриху-р-русул ва-л-мулук»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, «Таърихи Табарӣ», «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, «Ғурару ахбори-л-мулуки-л-фурс ва сиярҳим»-и Саолибӣ ва ғайра истифода намуданд, ки дар ин китобҳо номҳо ва образҳову сужаҳои зиёд омадаанд, ки ҳар яке аз инҳоро муаллиф барчида таҳқиқ ва таҳлил намудаанд. Юлдашев А. Қ. бахри таҳқиқи мавзуи илмӣ вазифаҳо ва мақсадҳои мушаххасро дар назди худ гузошта, аз иҷрои ин мушаххасот ба хубӣ баромадаанд. Масъалагузориҳо, муқоисаҳо ва баҳсҳо бо донишмандон ва натиҷагириҳои муаллиф дар пояи хуби илмӣ қарор доранд ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки аз 18 банди мушаххас фароҳам омадаанд, мундариҷа ва муҳтавои таҳқиқро дуруст нишон додаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва хулосаву китобнома фароҳам омадааст ва дар муқаддима ҳама бандҳо мувофиқи талаботи нави иншои диссертатсияҳои илмӣ таҳия ва тадвин гардидаанд. Ҳар боби

диссертатсия ба масъалаҳои ҷолиби илмӣ бахшида шуда, натиҷагириҳо аз мавзуи бобҳо назаррасанд.

Боби якуми диссертатсия «Сужаҳо ва образҳои подшоҳону паҳлавонон дар оғози таърихи ташаккул ва пойдории шоҳаншоҳии Сосониён (солҳои 205-379)» аз шаш фасл иборат аст. Дар ин боб муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ назари худро оид ба масъалаҳои мубрами дар боб омада баён кардааст.

Боби дуюм масъалаҳои мавқеи сужаҳо ва образҳои подшоҳон ва паҳлавонон дар марҳилаи мобайнӣ ва боби сеюм таҳқиқи ҳамин масъалаҳоро дар давраи то инқирози давлати Сосониён фаро гирифтаанд, ки боби дуюм аз шаш фасл ва сеюм аз панҷ фасл фароҳам омада, масъалаҳо муфассал таҳлил шудаанд. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф бамавқеанд. Маводи диссертатсияро ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик ва навиштани корҳои илмӣ истифода бурдан мумкин аст. Аз нигоҳи банду баст автореферати диссертатсияи доктории Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар мавзуи «Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)» як асари томи илмӣ аст, ки дастовардҳои зиёд дорад. Дар радифи дастовардҳо дар автореферат баъзе ноҷӯриҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳоро зарур мешуморем:

1. Унвони баъзе фаслҳои бобҳои диссертатсия якхелаанд.
2. Дар автореферат, дар саҳифаҳои 6,13, 18, 19, 20 ғалатҳои услубӣ ба назар мерасад.
3. Ғалатнависии калимаҳо: дар саҳ. 6 ба ҷои «филология» «филолгияи», ба ҷои «адабиёти» «адабити», саҳ.7 ба ҷои «Ардашер» «Арадшер», сах.10 ба ҷои «сангнигора» «сагнигора», саҳ.13 ба ҷои «шоҳаншоҳ» «шоҳпаншоҳ» ва ғайра омадаанд, ки ислоҳи онҳо заруранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Юлдашев Абдулла Қурбонмаматович дар мавзуи «Таҳаввули сужа ва образҳои шоҳону паҳлавонони сосонӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X-XI)», ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария ва
таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Элбоев Вафо Ҷӯракулович
Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: 987-600-143
E-mail: Vafo_1965@mail.ru

Имзои В.Ҷ. Элбоевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj

18 .04. 2025